Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017 - и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6А).

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).**

Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи рушди суръатнок, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст (солҳои 2021-2025) “татбиқи максималии иқтидорҳои институтсионалии модели нави рушд ба даст омада якбора зиёдшавии ҳаҷми сармоягузорӣ дар бахши воқеӣ ва инфрасохтор ҳамчун заминаи асосӣ барои рушди иқтисодиёт мегардад. Афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо тавассути ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва маблағҳои пасандозҳои дохилӣ ба даст меоянд”. Истифодаи иқтидорҳои институтсионалии модели нави рушд ва ҷалби сармоягузорӣ дар бахши воқеии истеҳсолот, аз он ҷумла дар соҳаи муҳимми он – бахши аграрии иқтисодиёт, пеш аз ҳама аз мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии ташаккулу истифодаи самараноки захираҳои сармоягузорӣ вобаста мебошад.

Ин на танҳо навсозии инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоии минтақаҳои деҳотро дар назар дорад, балки тақсими оқилонаи захираҳои молиявӣ ва моддиро низ талаб мекунад. Дар ин раванд такмили механизмҳои идоракунии сармоягузорӣ нақши муҳим мебозад, ки махсусан дар марҳилаи имрӯзаи рушди кишвар аҳаммияти зиёд пайдо мекунад.

Сармоягузорӣ дар бахши аграрӣ имрӯз на танҳо ҳамчун манбаи маблағгузорӣ, балки ҳамчун абзори стратегӣ барои рушди иқтисодӣ арзёбӣ мешавад. Самтгирии мақсадноки он ба таҳкими заминаи моддиву техникии кишоварзӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси захираҳои меҳнатӣ на танҳо ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат, балки ба таҳкими сармояи инсонӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ,

фаъолсозии равандҳои сармоягузорӣ ба унсури калидии баланд бардоштани рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ ва ноил гардидан ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии дарозмуддат табдил меёбад.

Маҳз ҳамин нуктаҳои зикршуда, боиси гузаронидани ин таҳқиқот шуда, аз муҳимияти он гувоҳӣ медиҳад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот иборат аз он аст, ки қоидаҳои назариявии дар диссертатсия ҷойдошта, тавсияҳои таҳияшуда, хулосаҳои баёнгардида ва пешниҳоди дар асоси онҳо омодашуда аз тарафи корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар низоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, ҷараёнҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, зимни таҳияи барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуддати рушди иқтисодиёти аграрӣ, тасҳеҳи сиёсату стратегияи сармоягузорӣ, инчунин ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ нисбати хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ метавонанд истифода гарданд.

Муаллиф андешаеро махсус қайд менамояд, ки корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бо хусусиятҳои муайяни соҳа дар самти фаъолияти сармоягузорӣ ва ташаккули захираҳои сармоягузорӣ тавсиф мешаванд. Ин хусусиятҳо дар фарқияти ҳадафҳо ва вазифаҳои сармоягузорӣ, инчунин вобастагии ҳаҷми воридот аз сатҳи даромади интизорӣ зоҳир мегарданд. Бо ин робита, дар соҳаи агросаноатӣ маҷмуи васеи меъёрҳо ва усулҳои арзёбии самаранокии сармоягузорӣ истифода мешавад, ки имкон медиҳад омилҳо ва шароити гуногун, ки ба натиҷагирии фаъолияти сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, ба назар гирифта шаванд. (с.34).

Таҳлилҳои рисоланавис нишон медиҳанд, ки новобаста аз рушди заминаи моддиву техникии соҳаи кишоварзӣ барои истеҳсолоти кишоварзӣ, то ҳол инфрасохтор ва воситаҳои истеҳсолӣ ба талаботи муқарраргардидаи меъёрӣ ҷавобгӯ намебошад. Ин меъёрҳо барои коҳиш додани талафоти ҳосил ва маҳсулоти тайёри кишоварзӣ пешбинӣ шудаанд. Механизатсияи нокифоя ва техникаи фарсудашуда боис мегардад, ки корҳои агротехникӣ бо тӯл кашанд. Дар натиҷа, талафоти назаррас ҳангоми ҷамъоварии ҳосил ва иҷрои дигар амалҳои муҳимми технологӣ дар соҳа ба вуҷуд меояд. Ҳамаи ин омилҳо самаранокии раванди истеҳсолотро коҳиш дода, ба ноил шудан ба рушди устувори кишоварзӣ монеъ мешаванд (с. 41). Диссертант бо пешниҳодҳои ҷолиби илман асоснокшуда роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдошта, ки ба такмили ташаккули босуръати низоми азхудкунӣ ва идоракунии сармоягузориҳо ҳам дар сатҳи минтақа ва ҳам бевосита рушди соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамоянд, равшанӣ андохтааст (с. 16).

Дар маҷмӯъ автореферати Собирзода Ш.С. дар мавзӯи хеле мубрам анҷом дода шудааст ва ба талаботи муосир нисбат ба корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автреферат камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки баъзеи онро мо номбар мекунем:

1. Баъзе хулосаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳои мушаххас тасдиқ карда мешуданд.
2. Ба манфиати кор мешуд агар муаллиф дар кори диссертатсионӣ ба таҳлили аҳамияти амалии тавсияҳои пешниҳодшуда ва таъсири эҳтимолии онҳо ба равандҳои воқеии **рушди инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ** аҳаммияти махсус оҳир менамуд.

Камбудӣ ва норасоие, ки дар боло зикр гашт, моҳияти назариявӣ ва амалии автореферати диссертатсияи мазкурро кам намекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори мустакилона анҷомёфтаи илмию тахассусӣ буда, дар он таклифу пешнидодҳои нави илман асоснок пешниҳод гардидааст. Умуман кори диссертатсионӣ сохтори хуби мантиқӣ дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ гардидаанд.

Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки кори пешниҳоднамудаи Собирзода Ш.С. дар асоси талаботҳои илмӣ –назариявӣ ва амалияи муосир анҷом ёфтааст, бинобар мо онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) сазовор медонем.

Тақриздиҳанда: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 38/1.
Тел: +(992) 92779-19-36
E-mail: TGN_1970@mail.ru

Имзои Назирӣ Г.Н.- ро тасдиқ мекунам
Сардори идораи кормандони
Бонки миллии Тоҷикистон Сайдвалиева О.С.

БАНК ТАДЖИКИСТАНА * БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * НАЦИОНАЛЬНЫЙ
ИДОРАИ КОРМАНДОН
УПРАВЛЕНИЕ ПЕРСОНАЛОМ